БОНКИ ЭСХАТА

**«Тасдиқ шудааст»**
аз тарафи Шӯрои Нозирони
ҶСК "Бонки Эсхата"
Найнавиштги № 128 аз 28.12.2018с.
Раиси Шӯрои Нозирон
_________ Ғафуров И.Р.

# СИЁСАТ С-002:2018

## дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар ҶСК «Бонки Эсхата»

(Таҳрири 04)

**Мундарича**

1. Муқаррароти умумӣ

2. Вазифаҳои низоми назорати дохилӣ дар соҳаи МҚД/МТ/МПСҚО

3. Принсипҳои ташкили низоми назорати дохилӣ дар соҳаи МҚД/МТ/МПСҚО

4. Талаботи умумӣ ба низоми назорати дохилӣ дар соҳаи МҚД/МТ/МПСҚО

5. Иштирокчиёни низоми назорати дохилӣ дар соҳаи МҚД/МТ/МПСҚО

6. Масъулият

## 1. Муқаррароти умумӣ

**1.1.**Сиёсати мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» (минбаъд - Қонун), дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (минбаъд дар матн - “МҚД/МТ/МПСҚО”) таҳия гардида, тартиби амалӣ гаштани назорати дохилиро дар самти МҚД/МТ/МПСҚО дар ҶСК «Бонки Эсхата (минбаъд - Бонк) муайян менамояд.

**1.2.**Амали Сиёсати мазкур ҳамаи воҳидҳои сохтории Бонкро фаро мегирад.

**1.3.**Иҷрои талаботҳои Сиёсати мазкур ба тамоми кормандон ва мизоҷони Бонк, ки бо амалиётҳоро бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк анҷом медиҳанд, татбиқ карда мешавад.

## 2. Вазифаҳои назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО

**2.1.**Ба вазифаҳои асосии назорати дохилӣ бо мақсади МҚД/МТ/МПСҚО дохил мешаванд:

2.1.2. Назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО бо мақсади таъмин намудани иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, барои муайян ва идора намудани хавфҳои бо МҚД/МТ/МПСҚО алоқамандбуда равона карда шудааст.

2.1.3. Роҳ надодани Бонк ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом.

2.1.4. Пешгирӣ намудани хавфҳои молиявӣ, ҳуқуқӣ ва нуфузии бо муомилоти пулӣ вобаста ҳангоми иҷро намудани амалиётҳои бонкӣ.

2.1.5. Таъмини риоя ва аз ҷониби кормандони Бонк дар амал татбиқ намудани талаботҳои Сиёсат, бо назардошти хусусиятҳои зерин:

а) иштироки кормандон дар рафти амалӣ намудани назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО новобаста аз вазифаи ишғолнамуда;

б) риоя намудани талаботи сирри бонкӣ ва махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳое, ки дар рафти амалӣ намудани назорати дохилӣ бо мақсади МҚД/МТ/МПСҚО ба даст оварда шудаанд;

в) пешгирӣ намудани иштирок ё инки мусоидати кормандони Бонк дар қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом.

## 3. Принсипҳои ташкили низоми назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО

3.1. Ҳангоми ба роҳ мондани низоми назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО Бонк принсипҳои зеринро ба роҳбарӣ мегирад:

– иштироки ҳамаи воҳидҳои сохторӣ ва кормандони Бонк дар раванди ба амалбарории низоми дохилӣ ва ташкили низоми дохилӣ хамчун фаъолияти ҳаррӯза дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ;

– бо назорати дохилӣ фаро гирифтани ҳамаи самтҳои фаъолият ва бизнес-ҷараёнҳо ва батартибандозии ҷараёнҳои назорати дохилӣ аз рӯи ҳамаи самтҳо ва бизнес-ҷараёнҳои Бонк;

– ба таври доимӣ (муттасил)-ӣ ба амалбарории назорати дохилӣ.

## 4. Талаботҳои умумӣ ба назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО

4.1.Ҳангоми хизматрасонии мизоҷон кормандони Бонк ӯҳдадоранд:

а) шахсияти мизоҷро муайян ва санҷиш кунанд, яъне чорабиниҳоро барои муайян кардани шахсияти мизоҷ анҷом диҳанд;

б) шахсияти молик-бенефитсиарро муайян намоянд ва санҷанд;

в) дар бораи ҳадафҳо ва хусусияти эҳтимолии муносибатҳои корӣ маълумот гиранд;

г) муносибатҳои кориро мунтазам тафтиш карда, дар рафти амалӣ намудани чунин муносибатҳо амалиёти бо маблағҳои пулӣ ва дигар молу мулк иҷрошавандаро амиқ омӯзанд;

д) дар ҳолати вуҷуд доштани хавфи баланд на камтар аз як маротиба дар як сол ва дар дигар ҳолатҳо на кам аз як маротиба дар се сол маълумотҳоеро, ки аз мизоҷ гирифта шудааст, нав намоянд.

4.2.Бонк дар ҳолатҳои зерин бастани шартномаи кушодани суратҳисоби бонкӣ (пасандозӣ) бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро рад менамояд:

а) дар мавқеъи ҷойгиршавӣ мавҷуд набудани шахси ҳуқуқӣ, мақомоти доимоамалкунандаи идоракунии вай, мақомоти дигар ё шахсоне, ки ҳуқуқ доранд аз номи шахси ҳуқуқӣ бе ваколатнома баромад намоянд;

б) дар ҳолати аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод нагаштани ҳуҷҷатҳо, ки маълумотҳои заруриро барои ба қайд гирифтани иттилоот мутобиқи Қонун тасдиқ менамоянд;

в) аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод намудани маълумотҳои нодуруст;

г) нисбати мизоҷи мазкур маълумотҳо оиди иштирок дар МКД/МТ/МПСҚО, ки мутобиқи меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудаанд, мавҷуд ҳастанд.

4.3.Бо мақсади амалӣ намудани назорати дохилӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО дар Бонк Қоидаҳои назорати дохилӣ таҳия карда мешавад, ки муқарраротҳои зеринро дар бар мегиранд:

а) барномаи ташкили низоми МКД/МТ/МПСҚО;

б) барномаи мушаххасгардонии мизоҷон, намояндагони онҳо ва молик-бенефитсиар;

в) барномаи идоракунии хавфи МКД/МТ/МПСҚО;

г) барномаи ошкорнамоии амалиётҳои шубҳанок ва амалиётҳои ҳатман назоратшаванда;

д) тартиби боздошти амалиётҳо (аҳд)-ҳо бо маблағҳои пулӣ ва дигар молу мулк;

е) тартиби ҳуҷҷатнок қайд кардани маълумот ва ҳуҷҷатҳо аз рӯи амалиётҳои (аҳд)-ҳои мизоҷон ва нигоҳдории онҳо;

ж) тартиби ба кор қабул, тайёр ва омӯзонидани кормандони Бонк дар самти МКД/МТ/МПСҚО;

з) барномаи санҷиши назорати дохилӣ.

4.4.Бо мақсади таҳия ва татбиқгардонии Қоидаҳои назорати дохилӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО дар Бонк Шахси масъули Бонк дар самти МКД/МТ/МПСҚО таъин карда мешавад.

4.5.Ҳангоми амалӣ намудани Қоидаҳои назорати дохилӣ ба корманони Бонк манъ аст:

а) кушодан ва хизматрасонӣ намудани суратҳисобҳои (пасандоз)-ҳои вуҷуддошта ба номи моликони номаълум ва/ё номҳои қалбакӣ дошта;

б) кушодани суратҳисобҳо (пасандозҳо) ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бе иштироки ҳақиқии мизоҷ ё намояндаи ӯ, ки ба номи ӯ суратҳисоб кушода мешавад;

в) ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотӣ ё идома додани ин гуна муносибатҳо бо ташкилотҳои қарзӣ – ғайрирезидентҳо, ки дар ҳудуди давлат ба қайд гирифта шудаанд, ки дар он мақомоти доимоамалкунандаи идоракунии онҳо вуҷуд надоранд;

г) хабардор намудани мизоҷони Бонк ва дигар шахсон оид ба намуд, тарз ва усули амали намудани Қоидаҳои назорати дохилӣ.

4.6.Ҳангоми дар раванди гузаронидани амалиётҳои бонкӣ аз ҷониби кормандони Бонк ошкор намудани ҳолатҳои вайрон кардани қонунгузории ҶТ дар самти МКД/МТ/МПСҚО, он корманди Бонк ӯҳдадор мешавад, ки фавран корманди масъули Бонкро дар самти МКД/МТ/МПСҚО ё Шӯъбаи мониторинги молиявии Хадамоти комплаенс-хавфро огоҳ намояд.

4.7.Дар навбати худ корманди масъули Бонк дар самти МКД/МТ/МПСҚО ба Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ва роҳбари Хадамоти комплаенс-хавф маълумотро дар бораи вайронкуниҳои ошкоршуда пешниҳод менамояд.

4.8.Хизматрасонӣ ба шахсони бонуфузи сиёсӣ танҳо дар асоси иҷозати хаттии Раиси Раёсат ва ё муовини ӯ, инчунин директори филиал/сардори Идораи амалиётӣ, сардори шӯъба, ки ӯ дар асоси ваколатномаи аз ҷониби Раиси Раёсат додашуда амал мекунад, амалӣ мегардад.

4.9.Тартиби аз ҷониби кормандони Бонк огоҳнамоӣ оиди ҳақиқати вайрон гардидани қонунгузории ҶТ дар самти МКД/МТ/МПСҚО, инчунин ҳамкории мутақобилаи иштирокчиёни низоми назорати дохилӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО ва ваколатҳои онҳо дар Қоидаҳои назорати дохилии Бонк дар самти МКД/МТ/МПСҚО муайян мегардад.

## 5. Иштирокчиёни низоми назорати дохилӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО

5.1. Иштирокчиёни низоми назорати дохилӣ дар асоси се дараҷаи ҳимоя муайян карда мешаванд.

5.1.2. Дараҷаи якуми ҳимоя аз ҷониби худи воҳидҳои сохтории Бонк таъмин мегардад. Ин маънои онро дорад, ки роҳбарони воҳидҳои сохторӣ барои ташкил ва амалигардонии назорати дохилӣ дар воҳидҳои сохторӣ масъул мебошанд.

5.1.3. Дараҷаи дуюми ҳимоя аз ҷониби сохторҳои Бонк оиди идоракунии хавфҳо, Хадамоти комплаенс-хавф, сохтори ҳуқуқӣ, сохтор оиди кор бо кормандон ва дигар воҳидҳои сохтории Бонк, ки функсияи назоратро анҷом медиҳанд, таъмин мегардад.

5.1.4. Дараҷаи сеюми ҳимоя аз ҷониби сохтори аудити дохилӣ бо роҳи баҳодиҳии мустақили самаранокии низоми назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО таъмин мегардад.

5.2. Иштирокчиёни низоми назорати дохилии Бонк дар самти МҚД/МТ/МПСҚО мебошанд:

- Шӯрои нозирони Бонк;
- Кумита оиди хавфҳо дар назди Шӯрои нозирони Бонк;
- Хадамоти комплаенс-хавф;
- Корманди масъули Бонк оиди МҚД/МТ/МПСҚО;
- Шӯъбаи ҳуқуқ;
- Хадамоти аудити дохилӣ.

5.3. Ваколатҳои Иштирокчиёни низоми назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО дар Қоидаҳои назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО муайян мегарданд.

## 6. Масъулият

6.1. Ҳамаи кормандони Бонк доир ба риоя намудани Сиёсати мазкур масъул мебошанд.

6.2. Хадамоти комплаенс-хавф барои назорати умумӣ аз болои фаъолияти Бонк дар самти МҚД/МТ/МПСҚО ва татбиқи Сиёсати мазкур масъул мебошад.

6.3. Корманди масъули Бонк дар самти МҚД/МТ/МПСҚО фаъолияти худро дар асоси Қоидаҳои назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО ва дастурамали мансабии худ пеш мебарад.

6.4. Барои таъмини иҷрои Сиёсати мазкур ва Қоидаҳои назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО дар филиалҳо/идораҳои амалиётии Бонк Директори филиал/Сардори идораи амалиётӣ масъул мебошад.

6.5. Хадамоти аудити дохилии Бонк ба нақшаи ҳарсолаи аудит муқарраротро оиди санҷиши риояи талаботи Сиёсати мазкурро ворид намуда, оиди натиҷаи он ба Шӯрои нозирони Бонк ҳисобот медиҳад.

Дар ҳаҷми

7 (ҳафт)

варақ саҳифабандӣ ва

дӯхташуда, мӯҳр гузошта шуд.

Сардори шуъбаи умумӣ

Разоқов М.А. ____________